# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2025. – 44 саҳ).**

Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ боис гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави ҳуқуқию қонунгузорӣ ташаккул ёбад. Дар ин замина институтҳои ҳуқуқии нави маданӣ рӯйи кор омаданд, ки таҳқиқу омӯзиши он амри зарурӣ маҳсуб мешавад. Дар замони муосир, ки ҷомеа ба марҳилаи нави муомилоти сарватҳои асъорӣ ворид шудааст, масъалаи таъмини бехатарии муомилотӣ аҳамияти фавқулода пайдо кардааст. Иқтисодиёт асос ва гарави ҳастии давлат аст. Фаъолияти иқтисодӣ бошад баҳри қонеъ гардонидани талаботи мардум аз ҳисоби истеҳсол ва истифодаи неъматҳои моддӣ равона шудааст. Дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ омили муҳимтарини расидани дилхоҳ давлат ва ҳукумат ба мақсадӣ олии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолии кишвар мебошад.

Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти ба танзими самараноки ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ равонашуда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Дар чунин шароит, таҳқиқи масъалаи муомилоти асъорӣ барои ин гуна амалҳо муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Бо рушди босуръати ҷомеаи иҷтисодӣ ва густариши технологияҳои рақамӣ, масоили вобаста ба таъмини бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ ба яке аз масъалаҳои калидии ҳар як давлати ҳуқуқбунёд табдил ёфтааст. Таъмини бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ на танҳо бехатари шахсони алоҳида балки манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷиро, ки дар ҶТ иштирокчии муносибатҳои асъорӣ мебошанд дар бар гирифта набудани амният дар ин бахш муомилоти сарватҳои асъориро зери хатар мегузорад.

Новобаста аз ин, бисёре аз ҷанбаҳои илмию амалии масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Х.С. Каримзода ба паҳлуҳои норавшани масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Диссертатсияи Х.С. Каримзода фарогири феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажуҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудааст. Х.С. Каримзода дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ раванди бисёрсатҳа мебошад, ки ҳам таъмини риояи манфиатҳои давлатӣ ва ҳам пешниҳоди механизмҳои инфиродии ҳифзро дар бар мегирад. Ин муомилоти асъориро барои ҳамаи иштирокчиёнаш пешгӯишаванда, бехатар ва устувор мегардонад ва ба рушди муносибатҳои молиявӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф ду шакли ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншударо ҷудо мекунад:

– шакли юрисдиксионӣ (ҳифзи ҳуқуқӣ тавассути мақомоти давлатӣ), ки вақте шахс ба суд ё дигар мақоми салоҳиятдор барои ҳифзи ҳуқуқҳояш муроҷиат мекунад, татбиқ мешавад;

– ҳифзи ғайрисудӣ ғайриюрисдиксионӣ, ки вақте тарафҳо баҳсро бидуни муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ҳал мекунанд (агар вайронанда ихтиёран розӣ шавад, ки вайронкуниро бартараф кунад ё зарари расонидашударо ҷуброн намояд), ба миён меояд (саҳ. 37). Бо вуҷуди ин, бо назардошти таҷрибаи амалии ҳифзи ғайрисудӣ ва ғайриюрисдиксионии ҳалли баҳс бидуни мақомоти давлатӣ имкон надошта, бо дарназардошти оқибатҳои он шакли юрисдиксионии ҳифзи ҳуқуқҳо мавриди истифода қарор дода мешавад.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, маданӣ, маъмурӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 1 воситаи таълимӣ, 13 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, рӯйи чоп овардааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зерин пешниҳод менамоем:

Дар пешниҳоди 5 муаллиф қайд менамояд, ки «Унсури асосии механизми танзими асъорӣ чораҳои маҳдудкунанда дар соҳаи амалиёҳои асъорӣ мебошанд, ки ба нигоҳ доштани тавозуни пардохтҳо, таҳкими мавқеи воҳиди пулии миллӣ ва ҷамъоварии асъори хориҷӣ дар захираҳои давлатӣ нигаронида шудаанд. Ин чораҳо маҷмуи воситаҳои меъёриро, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои танзими равандҳои марбут ба гузаронидани амалиётҳои асъорӣ таҳия шудаанд, ифода мекунанд. Аз нигоҳи қонунгузорӣ, чунин маҳдудиятҳо ҳамчун маҷмуи амалҳои давлатӣ барои назорат бар амалиётҳо бо воситаҳои пулии хориҷӣ хосанд, ки ба устувории иқтисодӣ мусоидат мекунад ва аз ҳаракати беназорати ҷараёнҳои молиявӣ ҷилавгирӣ менамояд». Истилоҳи «Маҳдудият» дар

пешниҳоди мазкур баҳснок мебошад. Оё ба ҷалби сармояи сармоягузории хориҷӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа шуданаш мумкин аст?

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори илмии анҷомёфта махсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ,
байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. И.Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 42,
Мобилӣ 004-77-25-35
E-mail: Makhmadshoevfarkhod@mail.ru

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДАСТГОҲИ

Имзои Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмонро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.

**Суроғаи муассиса:** 734051, ш. Душанбе, н. И.Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 42, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел: 221-33-07, email: kadr.harlament.@mail.ru
«31» 07 2025